## ХУЛОСАИ

Комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-О35 дар назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикстон ба диссертатсияи Махсудов Аслиддин Муҳаббатович дар мавзӯи "Ҳаёти иқтисодӣ – иҷтимоӣ ва фарҳангии водии Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991-2021)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)–доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020301 –Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик).

1. Барои таҳқиқи ҳамаҷонибаи таърихи Тоҷикистони муосир, омӯзиши минтақа ва навоҳии алоҳидаи он диссертатсияи пешниҳодшуда хеле муҳим ва сари вақтӣ буда, аҳаммияти калони таърихӣ-кишваршиносӣ дорад. Муаллиф дар рисолаи илмиаш  вазъи ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии навоҳии водии Раштро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар рафти омӯзиш муаллиф доираи васеи сарчашмаҳо, хосатан маводи бойгониро истифода кардааст, ки арзиши илмии рисоларо афзудаанд. Дар баробари гуфтаҳои мазкур ин нуқтаро бояд таъкид намуд, ки муаллиф дар таҳқиқоти  худ кушидааст, то  сабабҳои пастравии ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ ва бахусус водии Раштро дар охири асри XX – аввали асри XXI муайян намояд, ки мубрамияти мавзӯъро дучанд мекунад.

Нақшаи рисола ва бобу зербобҳои он мушаххас буда, бо риояи муқаррароти илмӣ ва ҷавобгӯ ба талаботи  КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудаанд. Номи бобу зербобҳо ба номи диссертатсия мувофиқат карда, паҳлӯҳои гуногуни мавзӯъро баррасӣ ва кушода медиҳад. Ҳамаи бобу зербобҳо ба хулосаву натиҷагириҳои илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Мавзӯи мазкур дар таърихнигории миллӣ падидаи нав мебошад, зеро доир ба таърихи муосири водии Рашт то имрӯз таҳқиқоти арзандае сурат нагирифтааст. Дар рафти таҳқиқот докторант аз маводи зиёди бойгонӣ ва сарчашмаҳо истифода кардааст, ки қисми бештарашон бори нахуст ба доираи илмӣ ворид карда шудаанд. Хулосаҳои докторант Махсудов Аслиддин Муҳаббатович оид ба таҳқиқи мавзӯъ илман асоснок мебошанд. Таърихи ҳаёти ичтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии водии Рашт дар марҳалаҳои асосии рушди он, эҳёи соҳаҳои кишоварзӣ, тандурустӣ, сайёҳӣ дар диссертатсия инъикоси пурраи худро ёфтааст.

**2.** Диссертатсия ба талаботи Замимаи 2 Қарори Ҳукумати Ҷмуҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, аз 30 июни соли 2021, № 267, мувофиқ мебошад. Он фарогири масъалаҳои вобаста ба ҳаёти иқтисодӣ, ичтимоӣ ва фарҳангии водии Рашт дар замони истиқлолият (1991-2021) буда, дорои мазмун ва муҳтавои ягона аст. Сохтори рисола ба талаботи мавҷуда пурра мувофиқ аст. Рисола дорои навгониҳои илмӣ буда, натиҷа ва нуктаҳои ҳимоя пешниҳод шуда, саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси доктори фалсафа (PhD)–доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020301 –Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мувофиқат мекунад, ки аз рӯйӣ он ба Шӯрои диссертатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 2 марти соли 2022, таҳти рақами 84/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияи Махсудов Аслиддин Муҳаббатович дар мавзӯи "Ҳаёти иқтисодӣ – ичтимоӣ ва фарҳангии водии Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991-2021)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)–доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020301 –Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) додааст. Ҳамзамон таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйӣ онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон увонҳои илмӣ дода мешаванд ва ба Қарори Раёсати Комиссияи

олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2017, таҳти № 5/2 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошанд.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Махсудов Аслиддин Муҳаббатович дастгоҳи илмӣ тибқи талаботи муайяннпмудаи КОА тартиб дода шудааст. Рӯйхати маводи бойгонӣ ва адабиёти истифодашуда ба талабот ҷавобгӯй мебошад. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Махсудов Аслиддин Муҳаббатович маълумоти носаҳеҳ вуҷуд надорад.

6. Рисолаи дахлдор ба ихтисоси 6D020301 –Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)  пурра мутобиқат дорад.

7. Мазмуну муҳтавои автореферат ба мазмуни рисола мувофиқат мекунад. Банди 60-и Замимаи 2-Тартиби бақайдгирии давлатии диссертатсияҳои ҳимояшударо, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Махсудов Аслиддин Муҳаббатович дар мавзӯи “Ҳаёти иқтисодӣ – иҷтимоӣ ва фарҳангии водии Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991- 2021)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)–доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) дар Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-035-и дар назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикстон барои ҳимоя қабул карда шаванд.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

- Ҳусайнов Аҳмадҷон Қурбонович, доктори илмҳои таърих, дотсент, декани факултети таърихи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

- Абдуллоев Икром Рабиевич, номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ-иҷтимоии Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия Донишгоҳи славянии Россия -Тоҷикистон таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи расмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

Раиси комиссия:
**доктори илмҳои таърих** Б.Т. Қобилова

**Аъзоёни комиссия:**
**доктори илмҳои таърих, профессор** С.Ғ. Бобомуллоев
**доктори илмҳои таърих, профессор** Н.Т. Раҳимов

Имзоҳоро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳои
Институти таърих, бостоншиносӣ
ва мардумшиносии ба номи
Аҳмади Дониши АМИТ Г.Қ. Файзуллоева
09.06.2022с.

ШУЪБАИ КАДРҲО